*УДК 342*
*DOI 10.24412/3005-8023-2024-4-20-27*

# МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

***Абдуллоева Дилором Файзуллоевна,*** *н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# ПРОБЛЕМЫ КОНСТИТУЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

***Абдуллоева Дилором Файзуллоевна,*** *канд. юрид. наук, доцент кафедры конституционного права юридического факультета ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

# ISSUES OF CONSTITUTIONAL DEVELOPMENT OF RIGHTS AND FREEDOMS OF HUMAN AND CITIZENS

***Abdulloeva Dilorom Fayzulloevna,*** *candidate of legal sciences, associate professor of the department of constitutional right faculty of law under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *d_abdulloeva@mail.ru*

*Асосҳои инкишофи конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гурӯҳбандии таърихии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ва ҷиҳатҳои фарққунандаи онҳо дар мисоли давлатҳои муосир баррасӣ шудаанд. Инчунин моҳияти конститутсионии ҳуқуқҳои инсон мутобиқи меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ ва миллии кишварамон таҳлил карда шуда, шаҳрвандии Тоҷикистон, мавқеи ҳуқуқии шахс, батанзимдарорӣ ва инкишофи сиёсӣ ва шуури ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия, халқ, давлат, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолатҳои конститутсионӣ, вазифаҳои шаҳрванд, шаҳрвандӣ, шуури ҳуқуқӣ*

*Рассматриваются конституционные основы развития прав и свобод человека и гражданина, историческая классификация прав и свобод человека и гражданина и их отличительные черты на примере современных государств. Также исследуется содержание конституционных прав человека согласно нормам международных и национальных актов, анализируется гражданство Таджикистана, правовой статус личности, регулирование и политическое развитие правовой культуры человека и гражданина в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *Конституция, народ, государство, органы государственной власти, права человека и гражданина, свободы человека и гражданина, конституционные гарантии, обязанности граждан, гражданство, правовое сознание*

*The article examines the constitutional foundations for the development of human and civil rights and freedoms, the historical classification of human and civil rights and freedoms and their distinctive features using the example of modern states. The content of constitutional human rights is also examined, according to the norms, international and national acts of citizenship of Tajikistan, the legal status of individual, regulation and political development of the legal culture of man and citizen in the Republic of Tajikistan.*

***Key-words:*** *Constitution, people, state, public authorities, rights person and citizen, freedoms person and citizen, constitutional guaranties, duties of citizens, citizenship, legal consciousness*

Боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст, ба танзими ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд равона гардидааст. Одатан дар конститутсияҳои давлатҳои ҷаҳон ба танзими вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳранд таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ қабул шудаанд, одатан дар конститутсияҳои давлатҳои муосири ҷаҳон низ мустаҳкам мешаванд. Масалан, аввалин конститутсия дар ҷаҳон, ки соли 1787 дар ИМА қабул шуда буд, бо сабаби дар он набудани меъёрҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, дар байни халқ норозигиҳоро ба миён овард ва баъди даровардани 10 тағйироту иловаи марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон соли 1789 қувваи ҳуқуқӣ пайдо намуд. Дар асоси ин гуфтан мумкин аст, ки Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат аз ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд сарчашма мегиранд ва ташаккул меёбанд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуҷҷати олиест, ки дар он муқаддасоти ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун усули асосии муайян кардани вазъи ҳуқуқию сиёсии шахс муқаррар карда шудаанд. Дар моддаи аввали он омадааст, ки "Ҳамаи одамон ба дунё озод меоянд ва аз лиҳози манзалат ва ҳуқуқ ба ҳам баробаранд".[4] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳо вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд асосан меъёрҳои ин Эъломияро инъикос менамоянд. Моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир дониста, муқаррар менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.[1, с.14] Дар раъйпурсии конститутсионии соли 2003 ба ин модда илова карда шуд, ки "Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд". Ин меъёрҳо яке аз асосҳои сохтори конститутсионӣ дониста шудаанд ва нишондиҳандаи муҳимтарини моҳият ва ғояи давлати демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Аз ин рӯ, дар асоси моддаи 100-ми Конститутсия онҳо бекорнашаванда ва тағйирнопазиранд. Аксари ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд хислати сарчашмавӣ дошта, бештари онҳо ба шахс аз айёми тавлид тааллуқ доранд ва мусодиранашаванда мебошанд. Баробари ин, барои татбиқ ва истифодаи аксари ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосӣ баъзеи омилҳо, яъне синну сол, маълумот, аҳволи иҷтимоии шахс, саломатӣ, ҷинс низ аҳаммият доранд.

Инкишофи конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳар як давлат рушди худи ҷомеаро низ инъикос мекунад. Рушди ҳуқуқии ҷомеа бошад, муносибатҳои гуногуни одамонро дарбар гирифта, ба ташаккул ва пайдоиши ин ё он соҳаи ҳуқуқ замина мегузорад.

Барои таъмини муътадили фаъолияти ҷомеа, ба механизмҳо ва тартиби ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо, коркарди усулҳои нави мурофиаи судии конститутсионӣ, маъмуриву маданӣ, инчунин ба хусусиятҳои чораҳои татбиқи ҳуқуқ ва ташаккули онҳо дар давлати мо низ бояд диққати махсус дода шавад.

Механизмҳои дохилидавлатии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамоҳанг бо усулу воситаҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад. Барои ҳамин, омӯхтани низоми байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ, рушд ва такомули он, механизмҳои минтақавию умумие, ки ин вазифаҳоро иҷро менамоянд, басо муҳим аст.

Дар таҳқиқи конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳлили тафовут байни мафҳумҳои ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрванд яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Аз ин рӯ, мо аввал мафҳумҳои ҳуқуқи инсонро аз давраи пайдоиши конститутсияҳои таърихӣ ва конститутсияҳои муосир таҳлил менамоем.

Таълимот дар соҳаи ҳуқуқи инсонро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст: либералӣ (ғарбӣ), сотсиалистӣ (марксистӣ-ленинӣ) ва исломӣ (мусулмонӣ).[12, с.28] Бо

фикри Е.А.Лукашева, “хусусиятҳои тамаддунии ҷузъҳои таркибии низоми ҳуқуқ дар ҷомеа ин – “дин, анъана, урфу одатҳо – омилҳои асосии баҳодиҳии нақши қонун ва ҳуқуқи инсон дар ҷомеа” мебошанд”.[16, с.311]

Дар соҳаи ҳуқуқи инсон таълимоти либералии ҳуқуқи инсон мавқеи ба худ хосро ишғол мекунад ва пайдоиши он ба револютсияҳои буржуазии асрҳои XVII-XVIII рост меояд. Дар он байни муносибатҳои давлату шахс раҳнамои нав – озодӣ, баробарҳуқуқӣ, волоияти қонун, ҳуқуқҳои умумии инсон муқаррар карда шуданд.

Дар таҳкими консепсияи либералии вазъи ҳуқуқии инсон дар байни санадҳои байналмилалии дорои хусусияти конститутсионӣ Эъломияи истиқлолияти ИМА аз соли 1776 ва Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандии Фаронса аз соли 1789 мақоми махсусро ишғол мекунанд. Дар Эъломияи истиқлолияти ИМА соли 1776 гуфта мешавад, ки “Мо ин ҳақиқатро азхуд намудем, ки ҳамаи одамон баробар офарида шудаанд ва аз ҷониби Офаридгори худ ҳуқуқҳои муайяни ҷудонашавандаро соҳибанд, ки ба онҳо ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва кӯшиши хушбахт шудан дохил мешавад. Барои таъмини ин ҳуқуқҳо аз ҷониби мардум ҳокимият таъсис дода мешавад, ки ваколатҳои қонунии худро аз ризоияти идорашавандагон мегиранд”.[13, с.114] Инчунин дар Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандии Фаронса аз соли 1789 гуфта мешавад, ки “одамон озод таваллуд мешаванд ва баробарҳуқуқанд. Мақсади ҳар ҳокимияти давлатӣ таъмини ҳуқуқҳои фитрӣ ва дахлнопазирии инсон мебошад. Инҳо ҳуқуқ ба озодӣ, моликият, амният ва муқовимат ба зулм аст. Ҳамин тавр, татбиқи ҳуқуқҳои фитрии ҳар як фард бо маҳдудиятҳо амалӣ мешавад, ки онҳо яъне, маҳдудиятҳо соҳибӣ намудани дигар аъзоёни ҷамъиятро ба чунин ҳуқуқҳо таъмин мекунад. Ин маҳдудиятҳо аз тарафи қонун муқаррар карда мешаванд”.[5]

Дар конститутсияҳои давлатҳое, ки ақидаи либералии мақоми шахсиятро риоя мекунанд, пайдарпайии пешниҳоди ҳуқуқу озодиҳо чунин аст: дар аввал ҳуқуқҳои шахсӣ, баъдан сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ҷойгир карда мешаванд. Дар мавриди ӯҳдадориҳои асосии шахс бошад, рӯйхати онҳо нисбат ба номгӯи ҳуқуқу озодиҳо хеле мухтасартар аст: риояи конститутсия ва қонунҳо, эҳтироми ҳуқуқи дигарон, пардохти андоз ва баъзеи ӯҳдадориҳои дигар.

Консепцияи сотсиалистӣ (марксистӣ-ленинӣ) ба мамлакатҳои собиқи сотсиалистӣ (Югославия, Чехословакия, ИҶШС ва ғайра) хос буд ва ҳоло низ дар Кореяи Шимолӣ, Хитой, Куба, Ветнам амал мекунад. Дар он афзалият ба ҳуқуқҳои сиёсӣ дода шуда, принсипи тақсими ҳокимияти давлатӣ вуҷуд надорад ва вазифаҳои инсон хеле зиёданд. Дар давлатҳои сотсиалистӣ афзалият на ба ҳуқуқҳои шахс, балки ба ҳокимияти давлатӣ дода мешавад. Мутобиқи ин консепсия дар байни ҳуқуқу озодиҳои инсон муҳимтаринаш ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (ҳуқуқ ба меҳнат, таҳсил, ҳифзи тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ) ба шумор мераванд. Ҳангоми мустаҳкамнамоии конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳо, ҳуқуқу озодиҳои фардӣ дар охир қарор мегиранд. Дар Қонуни асосии давлатҳои сотсиалистӣ доираи васеи вазифаҳои шахс дар назди ҷамъият ва давлат ифода ёфтааст. Масалан, дар моддаи 63 Конститутсияи Ҷумҳурии Халқии демократии Корея аз соли 1972 гуфта мешавад, ки “Ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея ба принсипи дастаҷамъӣ асос меёбанд: Як нафар барои ҳамагон, ҳамагон барои як нафар”.[6, с.37] Конститутсияи Ҷумҳурии Халқии Хитой аз соли 1982 чунин вазифаҳои мушаххаси шаҳрвандонро мустаҳкам менамояд: меҳнат намудан (м.42), банақшагирии таваллуд (м.49), хондан (м.46), ягонагии давлат ва муттаҳидшавии ҳамаи миллатҳои мамлакатро муҳофизат намудан (м.52) ва дигаронро дарбар мегирад. [7].

Консепсияи “исломӣ” дар асоси мафкура ва ақидаҳои дин инкишоф ёфтааст. Волоияти шариат тақрибан аз 70-ум ояти Қуръон замима мегирад, ки он ба ҳуқуқҳои инсон бахшида

мешавад. Онҳо аз принсипҳои ба монанди шаъну шарафи инсон, озодӣ, баробарӣ ва адолат иборатанд. Инсон дар Қуръон ҳамоҳангтарин ва ҷолибтарин мавҷудоти Парвардигор номида шудааст. Мутобиқи ин мафҳум, гуфтан мумкин аст, ки мақоми ҳуқуқии шахсро на танҳо конститутсия ва қонунҳо, балки аҳкоми динӣ низ муайян мекунанд. Дар давоми умри худ мусулмон бояд ба фармудаҳои паёмбар итоат кунад, ки онҳо иродаи Аллоҳро ифода мекунанд: амалҳои инсонӣ ба воҷиб, тавсия, ҷоиз, маломат ва мамнӯъ тақсим мешаванд.[12, с.10]

Консепсияи мусулмонӣ дар санадҳои конститутсионии давлатҳое, ки дини исломро ҳамчун дини давлатӣ (расмӣ) ва сарчашмаи асосии ҳуқуқӣ эълон кардаанд, инъикос ёфтааст. Масалан, дар давлатҳои қонунгузории Афғонистон, Баҳрайн, Миср, Урдун, Ироқ, Эрон, Яман, Қатар, Қувайт, Малдив, Аморати муттаҳидаи Араб, Уммон, Покистон, Арабистони Саудӣ, Сомалӣ ва ғайра дини ислом асоси қонунгузории давлат эътироф мешавад. Мутобиқи Конститутсияи Афғонистон "дар Афғонистон ҳеҷ як қонун наметавонад ба муқаррарот ва меъёрҳои дини мубини ислом мухолифат кунад" (моддаи 3 Конститутсияи соли 2004).[8] Чунин талабот дар Конститутсияи Покистон аз соли 1973 (моддаи 227) мавҷуд аст. Дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар намудани мутобиқати ҳатмии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба дастурҳои ислом, хусусиятҳои мустаҳкамшавӣ ва мазмуни ҳуқуқҳои шахсиро пешакӣ муайян мекунад.

Консепсияи мусулмонии мақоми шахс ба мақоми зан низ таъсир мерасонад. Конститутсияи Баҳрайн дар соли 2002 баробарии занонро бо мардон дар арсаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ бидуни нақзи муқаррароти қонунии ислом (шариат) кафолат медиҳад (моддаи 5).[9]. Дар Конститутсияи Малдив аз соли 2008 ӯҳдадории ҳам шаҳрвандон ва ҳам дигар шахсони дар ин кишвар қарордоштаро барои эҳтиёт ва ҳифзи дини давлатии исломро муқаррар кардааст (моддаи 67).[10]

Дар айни замон консепсияи универсалии ҳуқуқи инсон, ки дар Хартияи Иттиҳоди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ифода ёфтааст, васеъ паҳн шудааст [15]. Дар мавриди татбиқи ин консепсия ақидаҳо гуногунанд. Намунаи ягонаи консепсияи ҳуқуқи инсонро мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ эҷод кардан ғайриимкон аст, зеро анъанаҳои миллӣ ва фарҳангии давлатҳо гуногун ва фардӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, ғояҳо ва консепсияҳои ғарбӣ (индивидуализм, либерализм, бозори озод ва ғ.) ба тамаддунҳои гуногун хосанд ва аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки интихоби конститутсионии консепсияи муайяни вазъи ҳуқуқи инсон масъалае мебошад, ки аҳаммияти амалӣ ва оқибатҳои мушаххаси ҳуқуқиро дорад. Мафҳуми тасдиқшудаи конститутсионии вазъи ҳуқуқии инсон аз принсипҳои асосии сохти давлатӣ ва ҷамъиятӣ вобаста буда, бояд пешакӣ номгуи ва мазмуни ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳои асосӣ ва соҳавиро муайян намояд ва мақсад, вазифа ва мазмуни фаъолияти мақомоти давлатиро муқаррар кунад. Интихоби консепсияи муайяни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун асос барои барномаҳои давлатӣ, инчунин рушди минбаъдаи мавқеи ҳуқуқии шахсро низ муайян мекунад. Маҳз мафҳуми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои инсон ба қонунгузории давлатӣ, пеш аз ҳама, ба қонунгузории конститутсионӣ, ҷиноӣ, маъмурӣ, маъданӣ, оилавӣ ва меҳнатӣ таъсири мустақим мерасонанд.

Санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ мафҳумҳои "ҳуқуқҳои инсон" ва "озодиҳои инсон"-ро татбиқ кардаанд. Умумият ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо дар чӣ зоҳир мегардад? Дар ин бобат Марек Новитский қайд мекунад, ки: "Ҳуқуқҳо, ки баъзан онҳоро ҳуқуқҳои мусбат меноманд, ӯҳдадориҳои фаъоли давлат нисбати ҳар яки мо мебошад. Масалан, ҳуқуқ ба таҳсил ба зиммаи давлат ӯҳдадории бунёди мактабҳоро мегузорад, ки дар онҳо ҳамаи кӯдакон хонда метавонанд. Мисли ҳамин ҳуқуқи муроҷиат ба суд шабакаи муассисаҳои судиро пешбинӣ мекунад, ки ба онҳо ҳар як инсон барои ҳалли кори муҳими худ муроҷиат мекунад".

Озодиҳо, ки онҳоро баъзан ҳуқуқҳои манфӣ меноманд мамнуоти барои ҳукумат муқарраргардида ба дахолат кардани он ба ин ё он соҳаи ҳаёти инсон мебошад. Озодии сухан ё озодии виҷдон - манъи дахолати ҳокимияти давлатӣ ба масъалаҳои ҳаётии инсон мебошад. Ба ибораи дигар, агар ман ба чизе ҳуқуқ дошта бошам, ҳукуматдорон вазифадоранд барои ман ягон кор кунанд. Агар ба ман озодӣ тааллуқ дошта бошад, давлат вазифадор аст, ки аз ягон амал худдорӣ кунад".[17] Инчунин Е.А.Лукашева қайд менамояд, ки "таҳлили конститутсионии қонунгузор нишон медиҳад, ки истилоҳи "озодӣ" имкониятҳои нисбатан васеи интихоби инифиродиро пешбинӣ мекунад ва ҳамзамон натиҷаи мушаххасро муайян наменамояд. Ҳол он ки истилоҳи "ҳуқуқ" амалҳои мушаххаси инсонро муайян мекунад".[16, с.311]

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки "ҳуқуқи инсон" – соҳаи мушаххас самти фаъолияти инсон мебошад, ки давлат муқаррар мекунад ва кафолат медиҳад. "Озодии инсон" доираи муносибатҳои ҳуқуқии муқарраркардаи давлат мебошад, ки дар чаҳорчӯбаи он инсон мустақилона рафтори худро муайян менамояд ва давлат ба мундариҷаи ин муносибатҳои ҳуқуқӣ дахолат намекунад. Зимнан, "марзгузорӣ байни ҳуқуқ ва озодиҳо душвор аст, зеро аксаран тамоми соҳаи ҳуқуқҳои сиёсиро бо салоҳиятҳои дақиқ муайяншуда низ "озодиҳо" меноманд". [16, с.314]. Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар қонунгузории миллии мо, аз ҷумла, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду истилоҳ "ҳуқуқи инсон" ва "ҳуқуқи шаҳрванд" истифода бурда мешаванд. Фарқи ин ду истилоҳро ба риштаи таҳлил мекашем. Л. А. Нудненко қайд менамояд, ки "Инсон – мавҷудоти зиндаест, дорои тафаккур ва нутқ, дорои қобилияти офаридан ва истифода бурдани олот дар раванди меҳнатии ҷамъиятӣ мебошад.[18, с.96] Мутобиқи моддаи 15 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб шуда бошад".[1] Инчунин дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми шаҳрвандӣ низ оварда шудааст, яъне "шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаи мустаҳками ҳуқуқии шахс бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавассути маҷмуи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дутарафаи онҳо ифода меёбад".[3, м.14 (а)]

Ҳамин тавр, мавқеи ҳуқуқии шахс аз робитаи махсуси ҳуқуқии ӯ бо давлат бармеояд, ки ба доштани шаҳрвандии ҳамон давлат марбут мебоашд. Дар мавриди мавқеи ҳуқуқии инсон сухан кунем, пас он васеътар буда, на танҳо ба шаҳрвандони ин давлат дахл дорад, балке ба одамоне, ки шаҳрванди ин давлат намебошанд, яъне хориҷиён ва шахсони бе шаҳрванд низ тааллуқ дорад. Бинобар ин, дар конститутсияҳои давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми зикр намудани ҳуқуқҳои инсон истилоҳи "ҳар кас" истифода мешавад. Масалан, ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад. (м.18 Конститутсияи ҶТ). Агар сухан дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандон равад, истилоҳи "шаҳрванд" ё "шаҳрвандон" истифода мешавад. Масалан, шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. [1, м.27]

Инъикоси ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар меъёрҳои Конститутсияи ҳар як кишвар низ аз ҷиҳати инкишофи иҷтимоиву иқтисодии давлат, урфу одатҳои дар он мавҷудбуда, иқлим, сатҳи маданияти сиёсиву ҳуқуқии халқ алоқамандӣ дорад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои асосии ҳуқуқ ва озодиҳо муқаррар карда шудаанд. Татбиқи онҳо на фақат вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ё ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ, балки ҳар як шаҳрванди кишвар низ мебошад.

Ҳуқуқҳои асосии инсон ҷудонашаванда ва ба ҳар як инсон аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ доранд. Ҳеҷ кас инсонро аз ҳуқуқҳои фитрии ӯ - ҳуқуқ ба ҳаёт, озодии виҷдон ва дин,

ҳуқуқи иштирок дар идораи давлатӣ ва аз дигар ҳуқуқҳо маҳрум сохта наметавонад. Ҳуқуқҳои инсон ба шахс имконияти доштани масофаи муайян бо давлат, худмуайянкунӣ дар соҳаи ҳаёти шахсӣ, интихоби касб, дин ва ғайраро медиҳад. Ҳуқуқҳои инсон дар асоси принсипҳои озодӣ, баробарӣ ва адолат ташаккул меёбад.

Ҳуқуқҳои инсон дар рушди давлати демократӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Татбиқи онҳо ба ҳаёти ҷомеа вазифаи асосии ҳар як давлати муосир мебошад. Ҳуқуқҳои инсон ба ҳар шахси алоҳида имконияти иштирок дар идоракунии давлатро медиҳад, ки шахс дар асоси он метавонад мавқеи худро дар ҳаёти сиёсии давлат муайян намояд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи маъмултарин падидаи чӣ ҳуқуқи башар ва чӣ ҳуқуқи миллӣ ба шумор меравmember. Ҳамчун иштирокдори муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра инсон ва шаҳрванд, пеш аз ҳама, ҳуқуқу манфиатҳои худро ифода ва ҳифз менамояд. Инсон ва шаҳрванд субъекти ташаккули ҷомеа ва давлат мебошад. Маҳз бо ҳаёту фаъолияти онҳо пайдоиш ва рушди ҷомеа, бунёд ва фаъолияти давлат вобаста аст. Дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки: “Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд”[1]. Ин муқаррарот таъиноти асосии худро дар моддаҳои алоҳидаи Конститутсияи давлатамон таҷассум намудааст. Имрӯз Тоҷикистон дар шароити истиқлоли давлатӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муқаддасоти давлатдорӣ аз диди тоза назар андохта, беҳтарин арзишҳо, ормонҳо ва меъёрҳоеро муайян кардааст, ки метавонанд имрӯзу фардои миллату давлатро дилпурона дифоъ намоянд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Тоҷикистон арзиши олӣ эълон шудаанд. Ҳеҷ як манфиат, неъмат аз инсон ва озодиҳои ӯ боло буда наметавонад. Ҳама чиз дар давлат ва ҷомеа ба манфиати инсон нигаронида шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, яке аз ҳадафҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ба роҳ мондани тарзу усул ва механизмҳои асосии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Дар асоси ин меъёри конститутсионӣ, давлат ба ҳамаи мақомоти давлатӣ барои риоя, ҳифз ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаҳои махсусро муқаррар кардааст. Махсусан, дар моддаи 19 Конститутсия муқаррар карда мешавад, ки “Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд”[1]. Аз ин бармеояд, ки дар пеши давлат вазифаи таъсиси мақомоти махсуси давлатӣ ва механизми ҳимояи ин ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд вогузор карда мешавад. Меъёрҳои Конститутсия мустақиман амалӣ шуда, дар асоси раванд ва механизмҳои муайяни қонунгузории амаликунанда татбиқ карда мешаванд.

Коркарди механизми ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон бояд бо ду равия амалӣ карда шаванд:

1) Эҷоди меъёр, раванд ва механизмҳои ҳуқуқии мушаххас, ки шаҳрвандон барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии инфиродии худ истифода бурда тавонанд;

2) Батанзимдарории конститутсионии иҷрои ҳамаи институтҳои давлатӣ дар асоси коркарди принсипҳои назорат ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар асоси Конститутсия базаи асосии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талабот ва стандартҳои муосире, ки дар соҳаи ҳуқуқи гуманитарӣ қабул шудааст, ҷавобгӯ мебошанд. Бо ҳамин сабаб, барои Тоҷикистон муаммоми асосӣ на мустаҳкамнамоии қонунии ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ, балки таъмини дараҷаи татбиқи онҳо мебошад.

Фақат давлати абарқудрати демократӣ метавонад ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ,

иқтисодиву иҷтимоиро муҳофизат кунад, масъалаҳои муттаҳидшавии ҷомеа, баландшавии дараҷаи саводнокӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, ба вуҷуд овардани иқтисодиёти бозоргонии мақсадноки иҷтимоиро ба амал барорад. Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд “Ҷавҳари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси риояи ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун устувор мегардад. Шаҳрванде, ки аз ҳуқуқҳои худ огоҳ аст, ба равандҳои рушд ва таҳаввул дар ҷомеа такон мебахшад”. [2] Аз ин лиҳоз, бо иқдоми Президенти мамлакат, барои баланд бардоштани шуурнокии ҳуқуқии аҳолии кишвар бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон шудааст. Сиёсати давлатии кишварамон меъёрҳои ахлоқии таърихан муқарраршуда ва арзишҳои ахлоқии аз ҷониби умум эътирофшудаи мардуми сермиллати Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегирад, ки ба таъмини рафтори қонунӣ ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд нигаронида шудааст. Ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқии аҳолӣ, эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, анъанаи эҳтиром ва риояи бечунучарои меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои давлатамон, тартибот ва субот, хушрафторӣ ва поквиҷдонӣ ҳамчун намунаи ибрати рафтори иҷтимоӣ дар ҷамъият омилҳои муҳимме мебошанд, ки ба инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мутамаддини муосир, таъсири мусбати худро мерасонанд.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағироту иловаҳои аз солҳои 1999, 2003 ва 2016.). – Душанбе: Паёми Сомониён, 2017. – 54 с.*
2. *Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2023. – Душанбе: Шарқи озод. – 64 с.*
3. *Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 08.08.2015, №1208 [Манбаи электронӣ] // URL: https://mmk.tj (санаи муроҷиат: 18.07.2024).*
4. *Декларация прав человека и гражданина от 10.12.1948 [Манбаи электронӣ] // URL: http://larevolution.ru /declaration.html (санаи муроҷиат:15.07.2024).*
5. *Декларация прав человека и гражданина Франции от 26 августа 1789 г. [Манбаи электронӣ] // URL: http: www: ru.m.wikipedia.org (санаи муроҷиат: 05.07.2024).*
6. *Социалистическая Конституция Корейской Народно-Демократической Республики. — Пхеньян, 2014. – 78 с.*
7. *Конституция Китайской Народной Республики от 04 декабря 1982 года (с изм. от 11 мая 2018 года) // СПС «КонсультантПлюс» [Электронный ресурс] // URL: http: www.consultant.rn (дата обращения: 05.05.2024).*
8. *Конституция Исламской Республики Афганистан [Электронный ресурс] // URL: http: www: en.m.wikisource.org(дата обращения: 28.04.2024).*
9. *Конституция Государства Бахрейн [Электронный ресурс] // URL: http: www:worldconstitutions.ru (дата обращения: 12.05.2024).*
10. *Конституция Республики Мальдивы [Электронный ресурс] // URL: http: www. worldconstitutions.ru (дата обращения: 04.05.2024).*
11. *Авакьян С.А. Конституционное право России. В 2-х т.: учебный курс. 5-е изд. – Москва: НОРМА; ИНФРА-М, 2015. – Т. 1. – 864 с.; Т. 2. – 912 с.*
12. *Афамготов Э.М., Чирков Ф.В. Права человека:курс лекций. – Майкоп: АГУ, 2022. – 72 с.*
13. *Жидкова О.А. Соединенные Штаты Америки: Конституция и законодательство. – Москва, 1995. – 458 с.*
14. *Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: Офсет Империя, 2017. – 760 с.*

**15.** *Кашкин С.Ю. Хартия Европейского союза об основных правах // Глобалистика: Энциклопедия. – Москва, 2003. – С. 278-284.*
**16.** *Лукашева Е.А. Права человека: учебник. — Москва, 2011. – 378 с.*
**17.** *Новицкий, Марек. Власть и единица. «КАРТА» / Архивная коллекция Российского исторического журнала. № 17-18. – Рязань, 1992-2007 гг. [Электронный ресурс] // URL: http: web.archive.org/ web/20080109034457/ http:www.hro.org/editions/karta/nr1718/indix.php (дата обращения: 18.07.2024).*
**18.** *Нудненко Л.А. Конституционное право России. Учебник для вузов. 10-е изд., перераб. и доп. – Москва: Юрайт, 2024. – 526 с.*

**REFERENCES:**

**1.** *Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 (as amended and supplemented 1999, 2003 and 2016). - Dushanbe: Payomi Somoniyon, 2017. – 54p.*
**2.** *Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, dated on 28.12.2023. - Dushanbe: Sharqi ozod, 2023. – 64 pp.*
**3.** *Constitutional Law of the Republic of Tajikistan “On Citizenship of the Republic of Tajikistan” dated on 08.08.2015 [Electronic resource] // URL: https://mmk.tj (date of access: 18.07.2024)*
**4.** *Declaration of the Human Rights of 10.12.1948. [Electronic resource] // URL: http://larevolution.ru /declaration.html (date of access: 15.07.2024)*
**5.** *Declaration of the Human and Civil Rights of France of August 26, 1789. [Electronic resource] // URL: http: www: ru.m.wikipedia.org (date of access: 05.07.2024)*
**6.** *Socialist Constitution of the Democratic People's Republic of Korea. – Pyongyang, 2014. -78 pp.*
**7.** *Constitution of the People's Republic of China dated on December 4, 1982 (as amended on May 11, 2018) // SPS Consultant Plus. [Electronic resource] // URL: http: www.consultant.rn (date of access: 05.05.2024)*
**8.** *Constitution of the Islamic Republic of Afghanistan. [Electronic resource] // URL: http: www: en.m.wikisource.org (date of access: 28.04.2024)*
**9.** *Constitution of the State of Bahrain. [Electronic resource] // URL: http: www:worldconstitutions.ru (date of access: 12.05.2024)*
**10.** *Constitution of the Republic of Maldives. [Electronic resource] // URL: http: www. worldconstitutions.ru (date of access: 04.05.2024)*
**11.** *Avakyan S.A. Constitutional Law of Russia. In 2 volumes training course. 5-th edition. – M.:NORMA; INFRA-M, 2015. – V.1 -864 pp.; V.2. – 912 pp.*
**12.** *Afamgotov E.M., Chircov F.V. Human Rights: course of lectures. – Maykop: AGU, 2022. – 72 pp.*
**13.** *Jidkova O.A. United States of America: Constitution and Legislation. - M., 1995.- 458 pp.*
**14.** *Imomov A. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan. Textbook. Fourth edition with changes and additions. – Dushanbe: “Offset Imperiya”. 2017. – 760 pp.*
**15.** *Kashkin S.U. European Union Charter of Fundamental Rights. // Global studies: Encyclopedia. – M. 2003. – PP. 278-284.*
**16.** *Lukashova E.A. Human Rights: textbook. - M., 2011. – 378 pp.*
**17.** *Marek Nowicki. Power and Unit. «KARTA». Archival collection of a Russian historical magazine. № 17-18. – Ryazan, 1992-2007. [Electronic resource] // URL: http:web.archive.org/web/20080109034457/http:www.hro.org/editions/karta/nr1718/indix.php (date of access: 18.07.2024)*
**18.** *Nudnenko L.A. Constitutional Law of Russia. Textbook for Universities. 10-th edition amended and supplemented. – Moscow: Uright, 2024. – 526 pp.*